**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Собирзода Аловуддин Ҷабор дар мавзуи «Асосҳои назриявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар Тоҷикистон: тадқиқоти назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.**

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи конститутсионӣ ҳамчун давлати иҷтимоӣ эълон гардида, ҷиҳати дар амал татбиқ намудани он давлат сиёсати иҷтимоиро роҳандозӣ менамояд, ки он аз функсияи иҷтимоии давлат бармеояд. Функсияи иҷтимоии давлат пеш аз ҳама, ба фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои рушди ҳама ва таъмини сатҳи шоистаи зиндагии инсон нигаронида шудааст. Дар Тоҷикистон сиёсати муваффақи иҷтимоӣ роҳандозӣ гардидааст, ки ҷузъи таркибии онро ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ташкил медиҳад.

Бояд тазаккур дод, ки баъди соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти гузариш аз як сохти иҷтимоӣ ба сохти иҷтимоии дигар, куллан дигаргуншавии муносибат ва арзишҳои нави ҷомеа зарурати мувофиқгардонии сохтори давлатӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии он ба шароити нави идоракунӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва давлатдорӣ ба миён омад. Дар давраи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ яке аз вазифаҳои афзалиятноки давлат ва ҷомеа эътироф гардид. Гузоштани масъалаҳои иҷтимоиро дар мадди аввали сиёсати давлати навбунёд таъмини амният ва некӯаҳволии ҷомеа талаб мекарданд. Ҳалли бомуваффақияти масъалаҳои иҷтимоӣ аз таҳия ва татбиқи сиёсати иҷтимоӣ вобаста мебошад.

Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро муносибатҳои ҷамъиятӣ доир ба ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД, ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ дар Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро мафҳум, муҳтаво, таснифи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилидавлатӣ, намудҳо ва табиати ҳуқуқӣ, шаклҳои татбиқи меъёру муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии зериқонунӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД, шаклҳои назорат оид ба татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар сатҳи миллӣ ташкил медиҳанд.

Диссертатсияи Собирзода А. Ҷ. таҳқиқоти илмии анҷомёфтае мебошад, ки аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқшиносӣ, яъне ба асосҳои назриявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар Тоҷикистон нигаронида шуда, муҳтавои он ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертант як қатор масъалаҳои назариявӣ ва амалиро дар таҳқиқоти хеш таҳлил намуда, ба муваффақиятҳо ноил гардидааст. Тавсияҳои амалии пешниҳоднамудаи муаллиф барои мукаммал гардонидани қонунгузорӣ ва барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ саҳми назаррас гузошта метавонанд.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия ҷойдошта, баъзе масъалаҳои баҳснок ва ҳалталаб низ ҷой доранд. Аз ҷумла дар нуқтаи 7 ба ҳимоя пешниҳодшуда (саҳ. 13) муаллиф асоснок менамояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни махсусгардонидашуда «Дар бораи кафолатҳои иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ» таҳия ва қабул карда шавад. Инчунин дар нуқтаи 3 оид ба такмил додани қонунгузорӣ (саҳ. 14) муаллиф пешниҳод менамояд, ки бо мақсади баланд бардоштани самаранокии ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзои оилаи онҳо» таҳия ва қабул карда шуда, дар он тамоми кафолатҳо ба таври муфассал

муқаррар карда шаванд. Дар ин ҷода хуб мешуд, ки дар ҷараёни ҳимояи ошкоро рисоланавис ин масъаларо возеҳтар баён менамуд.

Эроди ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд.

Автореферати диссертатсияи Собирзода Аловуддин Ҷабор дар мавзуи «Асосҳои назриявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар Тоҷикистон: тадқиқоти назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ мебошад.

Тақриздиҳанда:
Мудири кафедраи ҳуқуқи факултети
таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ, номзади ҳуқуқ,
доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Қозиён Ш.Қ.

Имзои Қозиён Ш.Қ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус Мустафозода А.

Суроғаи муқарриз: 734003, Тоҷикистон,
Ш.Душанбе, кӯч. Рӯдакӣ, 121.
Email info@tdpu.tj
“17” 10 2024 с.